**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2 )**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Дар шароти рушди муносибатҳои иқтисодӣ масъалаи ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ хеле муҳиму мубрам аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар автореферати мазкур масъалаи равиши назариявӣ ва методологии омӯзиши падидаи соҳибкории инфиродӣ баррасӣ шудааст. Чунин ақида асоснок карда мешавад, ки соҳибкорӣ бояд на танҳо ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ барои ба даст овардани фоида, балки ҳамчун фаъолияте, ки муҳити институтсионалӣ ва фаъолияти иҷтимоию идоракунӣ муайян карда мешавад, баррасӣ карда шавад. Диққат ба масъалаи муносибатҳои соҳибкорӣ, тиҷорат ва идоракунӣ нигаронида шудааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки равиши институтсионалӣ ба мо имкон медиҳад, ки соҳибкорӣ нисбат ба анъанаи таҳлили иқтисодӣ ба таври воқеӣ тафсир карда шавад. Қайд карда мешавад, ки омӯзиши муҳити институтсионалии ташаккул ва рушди табақаи соҳибкорӣ хеле муҳим аст, зеро тиҷорати хурд заминаи рушди табақаи "миёна" дар ҷомеа мебошад.

Соҳибкории инфиродӣ фаъолияти мустақили ташаббускори шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба ба даст овардани даромади соф нигаронида шудааст, ки ба моликияти худи шахсони воқеӣ асос ёфта, аз номи шахсони воқеӣ, бо таваккал ва масъулияти молу мулкии онҳо амалӣ карда мешавад. Соҳибкории инфиродӣ аз ҷониби як шахс мустақилона дар асоси амволе, ки ба ӯ тааллуқ дорад, инчунин тибқи ҳуқуқи дигаре, ки ба истифода ва (ё) ихтиёрдории амвол имкон медиҳад, амалӣ карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки автореферати Сафаров Ҷовидон Азизмадович таҳлили амиқи илмӣ ва омӯзиши усулҳои муосири татбиқро ифода намуда, хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Боиси тазаккур аст, ки дар автореферати мазкур мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳлил, арзёбӣ, барассии масъалаҳо, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои ҷолиб дарҷ карда шудааст.

Хуллас бояд ибрози андеша намуд, ки новобаста аз оне, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбӣ дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар автореферат хеле хуб механизми рушди стратегии соҳибкории инфиродӣ нишон дода шудааст, аммо татбиқи ин механизм дар амалия зикр нагардидааст?

2. Дар автореферат, шарҳи ақидаҳои донишмандони иқтисодшиноси ватанию хориҷӣ хеле кам ба чашм мерасад. Нисбати соҳибкории инфиродӣ нуқтаи назари муаллиф ба таври васеъ оварда нашудааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо ва
соҳибкории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Фатҳуллозода А.Ф.

Суроға: 735360, Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,
куч. С.Сафаров 16, бинои 3.
Тел: (+992 98) 801-9666; E-mail: kholiq8989@mail.ru

Имзои «Фатҳуллозода А.Ф.»-ро тасдиқ мекунам
Сардои Раёсати кадрҳо ва КМ,
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.